Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №117 (4857) | СЕШАНБЕ, 1 ОКТЯБРИ СОЛИ 2024 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад





# МО «РОҒУН»-РО БАРОИ САДСОЛАҲО БУНЁД МЕКУНЕМ

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо бунёдгарони Неругоҳи барқи обии «Роғун»**

**28 сентябри соли 2024, шаҳри Роғун**

**Муҳтарам бунёдгарони Неругоҳи барқи обии «Роғун»!**

**Ҳозирини гиромӣ!**

Ҳамаи шумо хуб дарк мекунед, ки Неругоҳи барқи обии «Роғун» барои расидан ба истиқлоли энергетикии Тоҷикистон, рушди устувори иқтисодии мамлакат, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум ва пешрафту ободии Ватанамон заминаи устувор мегузорад.

Мо «Роғун»-ро беҳуда иншооти тақдирсози аср эълон накардаем.

Аз ин рӯ, ҳар чӣ зудтар ба анҷом расонидани сохтмони неругоҳ ва пурра ба истифода додани иқтидорҳои он барои кишвари мо аҳамияти ҳаётӣ дорад.

Вобаста ба ин, бори дигар таъкид менамоям, ки ҷараёни корҳои сохтмон бо истифода аз шароиту имкониятҳои иқтисодиву молиявӣ ва техникаву технологияҳои замонавӣ, инчунин, бо риояи стандартҳои байналмилалӣ бояд тезонида шуда, иқтидорҳои навбатии неругоҳ ҳатман дар муҳлатҳои муқарраргардида ба истифода дода шаванд.

Қобили зикр аст, ки тавассути ду агрегати аввали неругоҳ аз солҳои 2018 - 2019 то имрӯз 7,5 миллиард киловатт/соат неруи барқ истеҳсол гардида, ба низоми ягонаи энергетикии кишвар интиқол дода шудааст.

Дирӯз, ҳамчунин, хати интиқоли барқи 220-киловолта аз дастгоҳи тақсимоти пӯшидаи элегазии Неругоҳи барқи обии «Роғун»» то зеристгоҳи «Роғун» ба истифода дода шуд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Дар соли 2023 барои идомаи корҳои сохтмон дар Неругоҳи барқи обии «Роғун» аз ҳисоби буҷети давлатӣ 2,6 миллиард сомонӣ пешбинӣ шуда буд, вале бо мақсади боз ҳам тезонидани раванди корҳо Ҳукумати мамлакат иловатан 2,6 миллиард сомонӣ ҷудо намуд. Яъне соли гузашта барои бунёди иншооти мазкур 5,2 миллиард сомонӣ равона карда шуд. Ҳамчунин, дар соли 2024 барои идомаи корҳои сохтмон аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағи 2,8 миллиард сомонӣ пешбинӣ гардидааст, аммо бо мақсади ҳар чӣ бештар вусъат додани корҳои сохтмону васлгарӣ дар ин иншоот то ба имрӯз, яъне дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ, аз ҳисоби буҷети давлатӣ қариб 3,5 миллиард сомонӣ пардохт гардидааст.

Дар маҷмӯъ, дар давоми солҳои 2008 - 2024 Ҳукумати мамлакат барои анҷом додани корҳои сохтмону барқарорсозии неругоҳ аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва дигар сарчашмаҳо зиёда аз 42,5 миллиард сомонӣ маблағ равона намудааст.

Ҳоло дар сохтмони иншооти неругоҳ зиёда аз 17 ҳазор нафар коргарону кормандони муҳандисиву техникӣ фаъолият мекунанд, ки ин шумора нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 3 ҳазор нафар зиёд мебошад.

Шумораи мошину механизмҳое, ки дар сохтмон истифода мешаванд, ба 3843 расонида шудааст, аз ҷумла дар давоми солҳои 2023 - 2024 ба майдони сохтмон 400 мошину механизмҳои нави пуриқтидор ворид карда шудаанд.

Тавре маълум аст, корҳои сохтмони неругоҳ ба лотҳои алоҳида тақсим шудаанд, ки амалисозии онҳо ба ҳамдигар вобастагии мустақим дорад. Яъне қафомонӣ дар яке аз лотҳо боиси қафомонии корҳо дар дигар самтҳо мегардад.

Аз ин лиҳоз, зарур аст, ки фармоишгар - Ҷамъияти саҳомии «Неругоҳи барқи обии Роғун» ва намояндаи фармоишгар - ширкати «Трактебел» ташкил ва таъмини босуботи ҷараёни корҳоро дар байни лотҳо боз ҳам беҳтар танзим ва ҳамоҳанг созанд.

Бунёди сарбанд, ки аз иншооти муҳими неругоҳ ба ҳисоб меравад, ба зиммаи ширкати «Вибилд»-и Итолиё вогузор шудааст.

Мо имрӯз шоҳиди он гардидем, ки корҳои бетонхобонӣ дар таҳкурсии ядрои сарбанд ва галереяҳои он тибқи лоиҳа ба анҷом расида, дар маҷмӯъ, 300 ҳазор метри мукаабро ташкил додаанд.

Таъкид менамоям, ки бо вуҷуди корҳои то имрӯз анҷомдодашуда ширкати «Вибилд»-ро зарур аст, ки бо истифода аз боду ҳавои мусоид тамоми тадбирҳои амалиро андешида, дар моҳи августи соли 2025 ба сатҳи 1110 метр баланд бардоштани сарбандро таъмин намояд.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

# МАҶЛИСИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**30-юми сентябри соли 2024 таҳти раёсати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**



Дар маҷлис нахуст гузориши вазири кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қурбон Ҳакимзода дар бораи «Барномаи рушди соҳаи боғу токпарварӣ ва ситруспарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2029» шунида шуд.

Таъкид гардид, ки мақсад ва вазифаҳои асосии барнома идома додани рушди соҳаи боғу токпарварӣ ва таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти ғизоӣ, дастрасии корхонаҳои коркард ба ашёи хом, афзоиши иқтидори содиротӣ, коҳиш додани вобастагии бозори истеъмолӣ аз маҳсулоти воридотӣ, таъсис додани ҷойҳои нави корӣ, вусъати «иқтисоди сабз», ҳалли мушкилоти экологӣ, кам кардани партовҳои газҳои гулхонаӣ ба атмосфера ва пешгирӣ аз гармшавии иқлим мебошад.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо барои иҷрои саривақтӣ ва пурсамари барнома дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

Сипас дар бораи баргузории Конфронси оби Созмони Милали Муттаҳид дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2028 гузориши вазири корҳои хориҷӣ Сироҷиддин Муҳриддин шунида шуд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дастур доданд, ки дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баргузории Конфронси оби Созмони Милали Муттаҳид дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2028» аз ҳисоби шахсони масъули Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазорату идораҳои дахлдор кумитаи тадорукот оид ба баргузории ин ҳамоиши сатҳи баланд таъсис дода шавад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон супориш доданд, ки кумитаи тадорукот якҷо бо сохторҳои дахлдори Созмони Милали Муттаҳид нақшаи чорабиниҳо оид ба баргузории конфронсро дар муҳлати як моҳ таҳия ва тасдиқ намуда, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобот манзур намояд.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи собиқадорон» муҳокима ва барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда шуд.

Дар идомаи кори маҷлис лоиҳаҳои нақшаи амали солҳои 2024-2026, «Стратегияи рушди ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040», «Барномаи давлатии рушди санъати театрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2029», рақамикунонии равандҳо дар дидбонгоҳҳои гумрукӣ ва оператори системавӣ дар низоми энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардида, вобаста ба онҳо қарорҳои дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуд. Ҳамчунин, оид ба нишондиҳандаҳои дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2026 ва параметрҳои асосии он барои солҳои 2027-2028 гузориши вазири рушди иқтисод ва савдо Завқӣ Завқизода шунида шуд.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Вазорати рушди иқтисод ва савдо дастур доданд, ки дар асоси фармоиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷо бо вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи кишвар, инчунин, корхонаю муассисаҳо ва ташкилотҳои дигар, новобаста аз шакли моликияташон, дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ дар соли 2026 ва параметрҳои асосии он барои солҳои 2027-2028-ро таҳия намоянд. Супориш дода шуд, ки лоиҳаи дурнамо то 1 июни соли 2025 барои баррасӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Дар фароварди маҷлис Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар назди аъзои Ҳукумати кишвар ва дигар сохторҳои давлатӣ барои иҷрои саривақтии дастурҳои маҷлиси навбатӣ ва супоришҳои қаблӣ вазифаҳои мушаххас гузоштанд. Аз ҷумла, Пешвои миллат таваҷҷуҳи масъулинро ба ҷоннок кардани кори муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, ривоҷ додани касбомӯзӣ ва забономӯзӣ барои калонсолон ва рушди ҳунармандӣ ҷалб намуданд.

Сарвари давлат ба Ҳукумати кишвар ва дигар муассисаҳо, инчунин, доир ба ташкили сатҳи баланди зимистонгузаронӣ, захираи кофии маводи озуқа ва сӯзишворӣ барои тамоми соҳаҳо, вусъати корҳои созандагӣ ба истиқболи Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар масъалаҳои мубрами рӯз дастуру супоришҳо доданд.

www.prezident.tj



## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи судяи суди вилояти Хатлон озод намудани Хидирзода Б. Э.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Хидирзода Батир Эргаш бо хоҳиши худаш аз вазифаи судяи суди вилояти Хатлон озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

**ш. Душанбе, 1 октябри соли 2024, № 876**

# ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР РОҒУН ВА ФАЙЗОБОД




**28-уми сентябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо кормандони Неругоҳи барқи обии «Роғун» ва фаъолони шаҳри Роғун мулоқот намуданд.**

Сарвари давлат баъди боздид аз маҳалли бунёди неругоҳ ва шиносоӣ бо раванди корҳои сохтмонӣ бо таҳлилҳои амиқ андешаронӣ намуда, барои вусъати корҳо ва назорати сифат дар назди коргарон вазифаҳои мушаххас гузоштанд.

Президенти кишвар таъкид карданд, ки Неругоҳи барқи обии «Роғун» барои расидан ба истиқлолияти энергетикӣ, рушди устувори иқтисодии кишвар, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум ва пешрафту ободии Ватанамон заминаи устувор мегузорад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд, ки мо «Роғун»-ро беҳуда иншооти тақдирсози аср эълон накардаем.

Ба таъкиди Президенти кишвар ҳар чӣ зудтар ба анҷом расонидани сохтмони неругоҳ ва пурра ба истифода додани иқтидорҳои он барои кишвари мо аҳамияти ҳаётӣ дорад.

Вобаста ба ин, Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бори дигар дар назди коргарону мутахассисони неругоҳ вазифа гузоштанд, ки ҷараёни корҳои сохтмон бо истифода аз шароиту имкониятҳои иқтисодиву молиявӣ ва техникаву технологияҳои замонавӣ тезонида шуда, иншоот бо риояи стандартҳои байналмилалӣ, иқтидорҳои навбатии неругоҳ ҳатман дар муҳлатҳои муқарраргардида ба истифода дода шаванд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр доштанд, ки тавассути ду агрегати аввали неругоҳ аз солҳои 2018 - 2019 то имрӯз 7,5 миллиард киловатт/соат неруи барқ истеҳсол гардида, ба низоми ягонаи энергетикии кишвар интиқол дода шудааст.

Таъкид гардид, ки дар маҷмӯъ, дар давоми солҳои 2008-2024 Ҳукумати кишвар барои анҷом додани корҳои сохтмону барқарорсозии неругоҳ аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва дигар сарчашмаҳо зиёда аз 42,5 миллиард сомонӣ маблағ равона намудааст. Ҳоло дар сохтмони иншооти неругоҳ зиёда аз 17 ҳазор нафар коргарону кормандони муҳандисиву техникӣ фаъолият мекунанд, ки ин шумора нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 3 ҳазор нафар зиёд мебошад.

Шумораи мошину механизмҳое, ки дар сохтмон истифода мешаванд, ба 3843 адад расонида шудааст, аз ҷумла дар давоми солҳои 2023 - 2024 ба майдони сохтмон 400 мошину механизмҳои нави пуриқтидор ворид карда шуд.

Бунёди неругоҳ ба лотҳои алоҳида тақсим шудааст, ки амалисозии онҳо ба ҳамдигар вобастагии мустақим дорад ва қафомонӣ дар яке аз лотҳо боиси пайдо шудани монеа дар кори дигар самтҳо мегардад.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

# ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР РОҒУН ВА ФАЙЗОБОД

**(Идома аз саҳ. 1)**

Аз ин лиҳоз, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зарур шумориданд, ки фармоишгар - Ҷамъияти саҳомии «Неругоҳи барқи обии «Роғун» ва пудратчиҳо ширкатҳои «Трактебел», «Вибилд», «Тоҷикгидроэлектромонтаж», «Тунел Садди Ориёно» ва «Корхонаи таҷрибавии механикӣ»-и шаҳри Норак ташкил ва таъмини босуботи ҷараёни корҳоро дар байни лотҳо боз ҳам беҳтар танзим ва ҳамоҳанг созанд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади дар муҳлатҳои муқарраргардида анҷом додани корҳои сохтмони Неругоҳи барқи обии «Роғун», таъмин намудани сифати онҳо ва ба истифода супоридани иқтидорҳои навбатии неругоҳ дар назди Шурои нозирони Ҷамъияти саҳомии «Неругоҳи барқи обии «Роғун», Ҷамъияти саҳомии «Неругоҳи барқи обии «Роғун», Ситоди ҷумҳуриявӣ оид ба сохтмону баистифодадиҳии иқтидорҳои «Неругоҳи барқи обии «Роғун», Вазорати молия, Кумитаи меъморӣ ва сохтмон, Гурӯҳи татбиқи лоиҳаҳои сохтмони иншооти энергетикӣ, Муассисаи давлатии «Мудирияти минтақаи зериобшавандаи Неругоҳи барқи обии «Роғун» ва дигар вазорату идораҳои дахлдор вазифаҳои мушаххас гузоштанд.

Дар фароварди суханронӣ Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бори дигар ба коргарони неругоҳ барои расидан ба рӯзҳои боз ҳам беҳтару босаодат саломатӣ ва барори кор орзу намуданд.

Баъди суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон директори генералии Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Неругоҳи барқи обии «Роғун» Хайрулло Сафарзода, намояндаи ширкати «Вибилд» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Фабио Гуэрино, директори генералии Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷикгидроэлектромонтаж» Иқбол Сафаров, директори Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «Корхонаи таҷрибавии механикӣ»-и шаҳри Норак Хуҷамурод Азимов ва Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Қоҳир Расулзода оид ба иҷрои корҳои сохтмон дар Неругоҳи барқи обии «Роғун» ба Сарвари давлат гузориш доданд.

**28-уми сентябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ноҳияи Файзобод ташриф оварда, нахуст дар деҳаи Дурахшони деҳоти Чашмасори ноҳияи Файзобод аз боғи хоҷагии деҳқонии «Умеда» дидан намуданд.**



Тавре иттилоъ дода шуд, майдони умумии хоҷагии деҳқонии «Умеда» 41 гектарро ташкил дода, дар 6 гектари он саҳмдорон боғи себи навъҳои содиротӣ бунёд намудаанд. Ҳосили пурбори себҳои «Зарринтоб», «Ситораи кӯҳсор», «Хубонӣ» ва ноки «Нозанин», ки навъҳои асосии боғро ташкил медиҳанд, заҳмати содиқатмандонаи саҳмдорони хоҷагӣ мебошад.

Ба Сарвари давлат иттилоъ доданд, ки соли гузашта аз ҳар гектар боғи себ 25-тоннагӣ ҳосил гирифтаанд. Имсол низ ҷамъоварии ҳосили себ дар хоҷагии деҳқонии «Умеда» даҳаи аввали моҳи октябр оғоз мегардад ва тибқи таҳлили мутахассисони соҳа аз ҳар гектари он бояд беш аз 25-тоннагӣ ҳосил ба даст оварда шавад. Хоҷагидорон бо назардошти ба талаботи бозор мутобиқ будани сифати ҳосил дар фурӯши он душворӣ накашида, аз сари замин ҳосилро бо нархи дилхоҳ ба савдо мебароранд.

Дар баробари саҳмдорони хоҷагӣ ҳангоми ҷамъоварии ҳосили боғот то 40 нафар сокини маҳаллӣ ба кори мавсимӣ ҷалб карда мешавад.

Аҳли заҳмати хоҷагӣ соли равон дар миёни қаторҳои боғ сабзавоту полезӣ кишт намуда, аз он ҳам ҳосили дилхоҳ ба даст оварданд. Барои таъмини чорво бо хӯроки дурушту серғизо дар қитъаҳои алоҳидаи хоҷагӣ юнучқа кишт шудааст, ки бо се дарав ва захира намудани ҳосили он чорвои дар хоҷагӣ мавҷудбуда аз зимистон беталаф бароварда мешавад. Парвариши тамоми намуди маҳсулоти кишоварзӣ бо риояи меъёрҳои агротехникӣ ба роҳ монда шуда, дар мавсими ҷамъоварии он ҳосили дилхоҳ ба даст оварда мешавад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо саҳмдорони хоҷагӣ суҳбати самимӣ анҷом дода, барои сари вақт ва беталаф ҷамъоварӣ намудани ҳосил, васеъсозии масоҳати боғ, бештар намудани ҳаҷми истеҳсолот ва аз ин ҳисоб тақвият додани иқтидори содиротии кишвар ба кишоварзон маслиҳатҳои муфид доданд.

Мавриди зикр аст, ки иқлими ноҳияи Файзобод барои парвариши себу нок мусоид буда, майдони умумии боғот дар ноҳия ба 6 ҳазору 420 гектар баробар гардидааст. Ҳосили бадастомада аз ин боғҳо дар баробари таъмини фаровонии бозори дохилӣ ба содирот низ равона мегардад. Бо зиёдшавии майдони боғҳо дар баробари афзудани ҳаҷми истеҳсоли мева шумораи ҷойҳои корӣ низ зиёд гардид, ки аҳолӣ бо шуғли мавсимӣ ва доимӣ фаро гирифта мешавад.

**28-уми сентябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Файзобод аз заминҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ, намоиши маҳсулоти кишоварзон ва ҳунари занону кадбонуҳои ноҳия дидан намуданд.**

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нахуст бо ҳосили фаровони зироаткорӣ ва нашъунамои кишти такрорӣ дар заминҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ шинос шуда, ба меҳнати содиқонаи аҳли заҳмати ноҳия баҳои баланд доданд.

Фаровонии маҳсулоти кишоварзӣ дар заминҳои кишт аз меҳнати созанда ва истифодаи самараноки ҳар як қитъа замини корам дар ноҳияи Файзобод шаҳодат медиҳад. Дар ноҳия ҷамъоварии ҳосили помидор, ҷуворимаккаи дон, қаламфури булғорӣ ва лӯбиёдонагӣ, ки самараи кишти такрорӣ аст, бомаром идома дорад.

Бояд гуфт, ки иқлими ноҳия барои кишт ва ба даст овардани ҳосили зиёду босифати навъҳои гуногуни помидор, картошка, қаламфури булғорӣ ва меваҷот хеле мусоид мебошад.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон заҳматкашони ноҳияро ба ҳамкории пурсамар бо олимону мутахассисони соҳа барои дарёфти тухмиҳои навъҳои серҳосил, истифодаи нуриҳо, мубориза бар зидди ҳашарот ва бемориҳо, инчунин, ҷамъоварии беталафи ҳосил ҳидоят намуданд.

Кишоварзони ноҳияи Файзобод дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар самти таъмини амнияти озуқаворӣ, самараноку оқилона истифода бурдани ҳар як қитъа замини корам сармашқи кори худ қарор дода, ҳамасола бо гирифтани ҳосили дилхоҳ ва фаровонӣ дар бозори истеъмолӣ саҳми шоиста мегузоранд.

Тавре иттилоъ доданд, дар ноҳияи Файзобод зиёда аз 3940 хоҷагии деҳқонӣ фаъолият дошта, кишоварзон ҳамасола бо истифодаи пурсамари ҳар як қитъа замин ва тухмиҳои серҳосили зироат дар асоси маслиҳати мутахассисони соҳа маҳсулоти фаровон ба даст меоранд.

Дар намоишгоҳ беҳтарин навъҳои маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла сабзавот, анвои гуногуни мева дар шакли тару хушк, маҳсулоти консервашуда, полезӣ ва ғалладонагию лӯбиёгиҳо, ки дар кишти тирамоҳию баҳорӣ бо истифода аз тухмиҳои аълосифат ва риояи қоидаҳои агротехникӣ ба даст омадаанд, ба намоиш гузошта шуда буд.

Тавре иттилоъ дода шуд, ба давраи то 1 августи соли 2024 дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории ноҳияи Файзобод зиёда аз 50 558 тонна ғалладонагӣ, 47 486 тонна картошка, 13 428 тонна сабзавот ва 32 751 тонна мева истеҳсол карда шудааст, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта зиёд мебошад.

Дар намоишгоҳ, инчунин, маҳсули ҳунари занону кадбонуҳои ноҳия - анвои гуногуни нон, аз ҷумла фатир ва кулча, муаррифӣ гардид.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъулин ва деҳқонони ризқофар барои боз ҳам баланд бардоштани иқтидори истеҳсолӣ, беҳдошти фарҳанги заминдорӣ, истифодаи заминҳои бекорхобида, ҷорӣ намудани технологияҳои пешрафта ва баланд бардоштани ҳавасмандии саҳмдорон дастуру тавсияҳо доданд.

**www.prezident.tj**

# МО «РОҒУН»-РО БАРОИ САДСОЛАҲО БУНЁД МЕКУНЕМ

## Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо бунёдгарони Неругоҳи барқи обии «Роғун»

**28 сентябри соли 2024, шаҳри Роғун**

**(Идома аз саҳ. 1)**

Дар ин самт ширкатро зарур аст, ки корҳоро бо реҷаи шабонарӯзӣ роҳандозӣ ва шумораи мошину механизмҳоро бамаротиб зиёд карда, бо истифодаи самараноки хати конвейерӣ ва дигар роҳҳои ҳамлу нақл захираи ҳаҷми зарурии маводи сарбандро таъмин созад.

Корҳои сохтмони иншооти соҳили рост аз ҷониби ширкати ватании «Тоҷикгидроэлектромонтаж» дар доираи лоти 3 иҷро гардида истодаанд.

Бояд гуфт, ки нақби сохтмонии қабати чорум, нақбҳои сементатсионӣ, нақбҳои нақлиётии Т-23 ва Т-39 ба иншооти аввалиндараҷаи лоти мазкур шомил мебошанд.

Тибқи лоиҳа корҳои нақбканӣ, бетонхобонӣ, сементатсионӣ ва корҳои заминӣ бо мустаҳкамсозии фарози кӯҳҳо дар баромадгоҳи нақбҳои обпарто идома доранд.

Ширкати «Тоҷикгидроэлектромонтаж»-ро зарур аст, ки корҳои васлу насби оҳанфулузот ва инчунин, мустаҳкамсозии баромадгоҳи нақби сохтмонии қабати чорумро дар соҳили рост вусъат бахшида, барои таъмини бехатарии сарбанд дар сатҳи 1110 метр корҳои сохтмони нақби обпартои қабати чорумро дар муҳлати на дертар аз моҳи майи соли 2025 ба анҷом расонад.

Иҷрои корҳои лоти 4 дар иншооти обқабулкунаки доимӣ, нақбҳои обрасон ва сементатсионӣ, толори мошинҳо бо нақбҳои ҷабанда ва бинои трансформаторҳо аз ҷониби ширкатҳои пудратӣ – «Тунел Садди Ориёно» ва «Заводи таҷрибавии механикӣ»-и шаҳри Норак босуръат идома дорад.

Корҳо дар иншооти зеризаминӣ вобаста ба қисмати соҳил низ идома ёфта, то ба имрӯз корҳои нақбканӣ ва мустаҳкамкорӣ дар се шахтаи обрасон ва чор шахтаи дарвозаҳо пурра ба анҷом расонида шудаанд. Ҳамчунин, иҷрои корҳои бетонхобонӣ дар иншооти ёрирасон дар мавзеи агрегатҳои якуму сеюми бинои трансформаторҳо идома доранд.

Ширкатҳои масъулро зарур аст, ки дар муҳлатҳои муқарраргардида ва бо сифати баланд анҷом додани корҳои бармаҳали лоти 4-ро таъмин намоянд.

Бори дигар хотирнишон менамоям, ки мо «Роғун»-ро барои Ватани азизамон, мардуми шарифи Тоҷикистон ва барои садсолаҳо бунёд карда истодаем. Бинобар ин, корҳо бояд дар дараҷаи олӣ, бо истифода аз технологияҳои муосир ва мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ анҷом дода шаванд.

Таъкид месозам, ки ба мустаҳкаму устувор будани сарбанди баландтарини иншооти гидроэнергетикии дунё бояд эътибори махсус дода шавад. Маҳз бо ҳамин мақсад то имрӯз дар иншооти неругоҳ 3390 асбоби санҷишу ченкунӣ васлу насб карда шудааст.

Такроран таъкид менамоям, ки барои иншооти неругоҳ бояд маводу масолеҳи аълосифати сохтмонӣ ва таҷҳизоти ҷавобгӯ ба стандартҳои байналмилалӣ истифода карда шаванд. Дар ин ҷода, зарур аст, ки шароиту имкониятҳои дар озмоишгоҳи марказии сохтмон фароҳамгардида пурра истифода гарданд.

**Сохтмончиёни муҳтарам!**

Аз оғози давраи кӯчонидани аҳолии минтақаи зериобшавандаи Неругоҳи барқи обии «Роғун» то ба имрӯз, ки 12 солро дар бар мегирад, 3212 оила дар марҳалаҳои якум ва дуюм аз ноҳияи Нуробод ва шаҳри Роғун кӯчонида шудааст.

Оилаҳои зикршуда ба шаҳру ноҳияҳои Данғара, Рӯдакӣ, Файзобод, Турсунзода, Роғун ва ҳамчунин, Нуробод кӯчонида шуда, бо манзилҳои нави доимӣ ва қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ таъмин карда шудаанд.

Шароити зиндагӣ дар маҳалҳои нави зист, ҷараёни бунёди хонаҳои истиқоматӣ, иншооти ёрирасон ва масъалаҳои иҷтимоии оилаҳо таҳти назорати доимӣ қарор доранд.

Аз соли 2011 то соли 2024 тибқи номгӯи иншооти сохташаванда аз ҳисоби маблағҳои мутамаркази буҷетӣ 882 миллион сомонӣ сарф гардидааст.

Маблағи зикршуда барои бунёди иншооти инфрасохторӣ дар мавзеъҳои нави зист, гузаронидани корҳои таҳқиқотию лоиҳакашӣ, ҷуброни арзиши хонаҳои истиқоматӣ ва дигар молу амволи муҳоҷирон, инчунин, амалисозии чорабиниҳо оид ба омода намудани минтақаи зериобшавандаи Неругоҳи барқи обии «Роғун» хароҷот шудааст.

Чорабиниҳои дигари омода намудани минтақаи зериобшаванда, яъне кӯчонидани хатҳои интиқоли барқ, таҷзияи зериистгоҳҳо, хатҳои алоқа ва роҳҳо идома доранд.

Аз ҷумла, дар доираи сохтмони роҳи мошингарди Роғун - Обигарм - Нуробод, ки ҳоло бомаром идома дорад, масъалаҳои кӯчонидани роҳҳои минтақаи зериобшавандаи соҳили рост дар ҳудуди шаҳри Роғун ва ноҳияи Нуробод ҳалли худро меёбанд.

Арзиши умумии лоиҳаи бунёди роҳ ва пули 920-метра беш аз 4,3 миллиард сомониро ташкил медиҳад.

Вобаста ба татбиқи марҳалаи навбатии корҳои сохтмони неругоҳ, хусусан, то сатҳи 1185 метр бардоштани сарбанд ва обгирии обанбор нақшаи кӯчонидани аҳолӣ барои солҳои 2021 – 2025 бояд сари вақт амалӣ карда шавад.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Ҳукумати мамлакат дар баробари аз ҳисоби буҷети давлатӣ мунтазам маблағгузорӣ намудани сохтмони Неругоҳи барқи обии «Роғун» ҷиҳати ҷалби маблағҳои иловагӣ бо Бонки умумиҷаҳонӣ ва дигар шарикони рушд тадбирҳои мушаххас андешида истодааст.

Дар натиҷаи ҳамкориҳои судманд то ба имрӯз созишномаҳои қарзии имтиёзнок бо Бонки исломии рушд ба маблағи 150 миллион доллари амрикоӣ ва Фонди саудии рушд ба маблағи 100 миллион доллар ба имзо расонида шудаанд.

Дар баробари ин, қарорҳои мусбат ҷиҳати ҷудо намудани 100 миллион доллар аз ҷониби дигар фондҳои арабии рушд, аз ҷумла Фонди ОПЕК оид ба рушди байналмилалӣ, Фонди рушди Кувайт, Фонди Абудабӣ ва Фонди амонатӣ ва трастии Италия қабул гардидааст. Ҳоло бо мақсади бастани созишномаҳои қарзӣ гуфтушунидҳо бо онҳо ба марҳалаи анҷомёбӣ расидаанд.

Корҳо дар самти ҷалби маблағҳои грантӣ аз Бонки рушди Осиё ва қарзҳои имтиёзнок аз Бонки сармоягузории Аврупо ва Фонди Қатар идома доранд. Инчунин, гуфтушунидҳо ҷиҳати ба имзо расонидани созишномаи грантӣ бо Бонки умумиҷаҳонӣ ба маблағи 650 миллион доллар ва созишномаи қарзӣ бо Бонки осиёии сармоягузориҳои инфрасохторӣ ба маблағи 500 миллион доллар идома ёфта истодаанд.

Дар ҷараёни сафари мо ба Созмони Милали Муттаҳид масъалаи ҳар чӣ зудтар оғоз намудани маблағгузории лоти 1 бо Директори амалиётии Бонки умумиҷаҳонӣ баррасӣ гардид ва бо натиҷаҳои мусбат анҷом ёфт.

**Сохтмончиёни муҳтарам!**

**Ҳозирини гиромӣ!**

Бо мақсади дар муҳлатҳои муқарраргардида анҷом додани корҳои сохтмони Неругоҳи барқи обии «Роғун», таъмин намудани сифати онҳо ва ба истифода супоридани иқтидорҳои навбатии неругоҳ иҷрои супоришҳои зерин ҳатмӣ ва зарур мебошад:

1. Шурои нозирони Ҷамъияти саҳомии «Неругоҳи барқи обии «Роғун» барои боз ҳам вусъат бахшидани иҷрои корҳо дар бунёди неругоҳ тадбирҳои қатъӣ ва саривақтӣ андешад.

2. Ситоди ҷумҳуриявӣ оид ба сохтмону баистифодадиҳии иқтидорҳои Неругоҳи барқи обии «Роғун» иҷрои ҳатмии корҳоро тибқи ҷадвали тасдиқгардида дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монад.

Дар ин раванд, ҳамоҳангсозии корҳо барои баланд бардоштани сарбанд дар моҳи августи соли 2026 то сатҳи 1150 метр ва дар моҳи августи соли 2027 то сатҳи 1175 метр таҳти назорати қатъӣ қарор дода шавад.

Махсус таъкид менамоям, ки андешидани тадбирҳои зарурӣ ҷиҳати то моҳи августи соли 2027 ба 1175 метр расонидани баландии сарбанд масъалаи афзалиятнок мебошад.

Тибқи қарордод бо Ширкати «Фойт» васлу насб ва корҳои омодасозии агрегати навбатӣ дар тирамоҳи соли 2026 пешбинӣ гардидаанд.

3. Ҷамъияти саҳомии «Неругоҳи барқи обии «Роғун» дар ҳамбастагӣ бо пудратчиёни лотҳои 2, 3, 4 иҷрои корҳоро вобаста ба баланд бардоштани сарбанд то сатҳи 1110 метр ва ба истифода додани нақби сохтмонии қабати 4-ум дар муҳлатҳои муайянгардида таъмин намояд.

4. Вазорати молия бо истифода аз ҳамаи имконияту манбаъҳо барои пардохти саривақтии маблағи корҳои анҷомёфта, харидории масолеҳ барои сохтмон, таҷҳизот ва сӯзишворӣ тадбирҳои зарурӣ ва саривақтӣ андешад.

5. Кумитаи меъморӣ ва сохтмон назорати сифати корҳои сохтмонро дар доираи қарордодҳои басташуда тақвият бахшида, сари вақт аз ташхиси давлатӣ гузаронидани лоиҳаҳои пешниҳодшавандаро таъмин созад.

6. Гурӯҳи татбиқи лоиҳаҳои сохтмони иншооти энергетикӣ ҷиҳати ҳамоҳангсозии корҳо бо Комиссия оид ба гузаронидани озмунҳои байналмилалӣ, вазорату идораҳои дахлдор, ширкатҳои машваратӣ, гурӯҳи коршиносон, Бонки умумиҷаҳонӣ ва дигар шарикони рушд тадбирҳои заруриро роҳандозӣ намояд.

7. Муассисаи давлатии «Мудирияти минтақаи зериобшавандаи Неругоҳи барқи обии «Роғун» якҷо бо Вазорати молия, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои интиқолдиҳанда ва қабулкунандаи муҳоҷирон кӯчонидани аҳолиро аз минтақаи зериобшаванда дар сатҳи баланд ба роҳ монанд.

Ҳамчунин, ҷиҳати бо кор таъмин намудани шахсони кӯчонидашуда, ташкили курсҳои касбомӯзӣ барои онҳо, инчунин, ба оилаҳои кӯчонидашуда ҷудо намудани қитъаҳои замин барои ташкили хоҷагиҳои деҳқонӣ мусоидат намоянд.

8. Хадамоти алоқа якҷо бо Ҷамъияти саҳомии «Тоҷиктелеком» ва дигар ташкилотҳои дахлдор кӯчонидани хати алоқаи махсуси нуриву нахиро аз минтақаи зериобшаванда дар муҳлатҳои муайянгардида таъмин созад.

9. Вазорати нақлиёт, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва Маркази татбиқи лоиҳаҳои таҷдиди роҳҳо сари вақт ва бо сифати баланд ба анҷом расонидани лоиҳаи бунёди роҳи мошингарди Роғун - Обигарм - Нурободро таъмин намоянд. Ҳамчунин, зарур аст, ки бунёди пули 920-метра аз болои обанбори Неругоҳи барқи обии «Роғун» тезонида шавад.

10. Хадамоти назорати давлатии бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи кӯҳкорӣ барои пешгирӣ кардани ҳолатҳои садамавӣ дар иншоот ва таъмин намудани бехатарии кормандони сохтмони неругоҳ чорабиниҳои иловагиро роҳандозӣ намуда, назоратро дар ин самт тақвият бахшад.

**Бунёдгарони муҳтарами неругоҳи «Роғун»!**

Ҷараёни воқеии корҳои сохтмон нишон медиҳад, ки шумо – бунёдгарони ин сохтмони тақдирсоз дар ин майдони нангу номуси миллӣ бо эҳсоси баланди ватандориву ватанпарастӣ заҳмат кашида истодаед. Заҳмати шабонарӯзиву ватандӯстонаи шумо дар саҳифаҳои таърихи навини кишвар бо ҳарфҳои заррин сабт мегардад, зеро Неругоҳи барқи обии «Роғун» як қадами бузург дар ҷодаи расидан ба истиқлолияти энергетикӣ, рушди устувору босуръати давлати соҳибистиқлоламон, ободии Ватани аҷдодиамон ва муҳимтар аз ҳама, бамаротиб беҳтар гардидани шароити зиндагии мардумамон ба ҳисоб меравад.

Шумо ҳамеша дар ёд дошта бошед, ки мардуми шарифи Тоҷикистон - хурду бузурги мамлакат интизори ҳар чӣ зудтар ба анҷом расидани бунёди ин иншооти сарнавиштсоз ва дар орзуи дидани пирӯзии коргарону мутахассисони неругоҳ мебошанд. Яъне ҳар чӣ зудтар ба анҷом расонидани бунёди неругоҳ, пеш аз ҳама, ба манфиати мардумамон мебошад.

Мову шумо дарояндаи наздиктарин ба яке аз ҳадафҳои стратегии миллиамон, бартараф кардани мушкилоти зиндагии халқамон ва боз ҳам ободу пешрафта гардонидани Тоҷикистони азизамон мерасем.

Ба ҳар яки шумо барои расидан ба рӯзҳои боз ҳам беҳтару босаодат саломатӣ ва барори кор орзу менамоям.

**Саломат бошед!**

# МУЛОҚОТИ МАҲМАДТОИР ЗОКИРЗОДА БО ТАВФИҚ ИБНИ ФАВЗОН АР-РАБИЪА

**30-юми сентябри соли 2024 Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода бо Вазири ҳаҷ ва умраи Арабистони Саудӣ доктор Тавфиқ ибни Фавзон ар-Рабиъа мулоқот намуд.**

Дар мулоқот таъкид гардид, ки дар раванди ташаккул ва густариши муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи Тоҷикистон ва Подшоҳии Арабистони Саудӣ сафарҳои расмӣ ва кории Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ин кишвар нақши калидӣ ва таъсиргузор доранд.

- Робитаҳои қавии кишварҳоямон аз пайвандҳои маънавию таърихии ду мардуми бародар ва муносибатҳои бародаронаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ходими Ҳарамайни Шарифайн Салмон ибни Абдулазиз Оли Сауд, Шоҳи Арабистони Саудӣ, маншаъ мегиранд, - иброз дошт М.Зокирзода.

- Имрӯз имконоти амалӣ фароҳам аст, то сатҳи сифатан нави ҳамкорӣ таъмин гардад. Тамоми воситаҳоро ҷиҳати таҳкими ҳамкориҳо бо назардошти манфиатҳои миллии ҳар ду кишвари бародар истифода намудан зарур аст.

Зикр гардид, ки дар Маҷлиси намояндагон гурӯҳи дӯстӣ ва ҳамкорӣ бо Маҷлиси Шурои Шоҳигарии Арабистони Саудӣ босамар фаъолият дорад. Ҳамкории байнипарлумонии Тоҷикистону Арабистон яке аз абзорҳои муҳими муносибатҳои ҳар ду кишвар маҳсуб мегарданд.



Маҳмадтоир Зокирзода афзуд, ки «шахсан бо раиси Кумитаи дӯстии байнипарламентии Шоҳигарии Арабистони Саудӣ бо Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҳаммад ибни Абдулазиз ал-Ҷарбо мулоқот доштам. Дар мулоқот муносибатҳо ва ҳамкориҳо миёни ду кишвари бародар, ки бо назардошти манфиатҳои тарафайн густариш меёбанд, таъкид карда шуд».

Дар ҷараёни суҳбат, инчунин, дигар масъалаҳои мавриди таваҷҷуҳи ҷонибҳо баррасӣ гардид.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ, мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи МНМО ҶТ.**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

# КОНСТИТУТСИЯ - САРЧАШМАИ «СОЛИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ»




**ВАТАНЗОДА Маҳмадалӣ Маҳмадулло,**
**муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**



**28 декабри соли 2023 дар Ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Паём «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» баромад намуда, рушди иқтисодию иҷтимоии кишварро дар давоми солҳои охир амиқ таҳлил ва самтҳои асосии рушдро барои давраҳои минбаъда мушаххас карданд.**

Аз ҷумла, дар Паём махсус қайд гардид, ки соли 2024 аз қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сӣ сол пур мегардад ва «Амалӣ намудани меъёрҳои Конститутсия ба мо имкон дод, ки пояҳои устувори ҷомеа ва давлатро созмон диҳем, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро таҳким бахшем, рушди устувори иқтисодии кишварамонро таъмин намоем, барои ҳар як шаҳрванди мамлакат шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро муҳайё созем. Бинобар ин, пешниҳод менамоям, ки соли 2024 ба ифтихори ин санаи бисёр муҳими таърихӣ «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон карда шавад».

Ёдовар шудан аз сиюмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Сарвари давлат тасодуфӣ набуд, зеро маҳз Конститутсия - қонуни асосии Тоҷикистони соҳибистиқлол, санади ҳуқуқӣ ва сиёсӣ заминаи боэътимоди эъмори давлати мустақили миллӣ ва пешравии тамоми ҷанбаҳои ҳаёти мардуми кишварро фароҳам овардааст.

Ҷиҳати амалӣ намудани ин нуктаи Паём 30 декабри соли 2023 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намудани соли 2024 ба имзо расид.

Албатта, мақсад аз эълон намудани «Соли маърифати ҳуқуқӣ» баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, пеш аз ҳама, огоҳии онҳо аз ҳуқуқу уҳдадориҳои худ мебошад, ки заминаи устувори онҳо дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шудааст.

Мафҳуми маърифати ҳуқуқӣ маҷмӯи чорабиниҳои маърифатию тарбиявиеро дар бар мегирад, ки барои пайдо намудан ё шинос шудан бо асосҳои ҳуқуқ равона гардидаанд. Маърифати ҳуқуқиро дар бисёр маврид бо фарҳанги ҳуқуқӣ, маълумоти ё саводи ҳуқуқӣ, таҳсилоти ҳуқуқӣ, тарбияи ҳуқуқӣ ва иттилоотонии ҳуқуқӣ ҳаммаъно медонанд, ки чандон дуруст нест. Маърифати ҳуқуқӣ агарчӣ бо мафҳумҳои зикргардида аз рӯи моҳияти худ наздик бошад ҳам, вале доираи татбиқи онҳо фарқ мекунад.

Бояд қайд кард, ки дар байни олимони ҳуқуқшинос низ доир ба мафҳуми маърифати ҳуқуқӣ як фикри фарогир вуҷуд надорад. Доир ба ин мафҳум баҳсҳои доманадор вуҷуд доранд, ки аз шарҳи онҳо худдорӣ менамоем. Вале, дар маҷмӯъ, маърифати ҳуқуқиро ҳамчун фаъолияти мақсаднок ва мунтазами давлат ва ҷомеа оид ба ташкил ва баланд бардоштани шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон бо мақсади таъмини риоя ва иҷрои қонунҳо дар ҷомеа фаҳмидан мумкин аст.

Дар навбати худ, «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардидани соли 2024 тасодуфӣ нест. Тавре ки дар боло қайд гардид, имсол аз қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сӣ сол сипарӣ мешавад. Аз ин рӯ, меарзад, ки ба таърихи таҳия ва қабули Конститутсия диққати махсус зоҳир намоем. Зеро Конститутсия замоне таҳия ва қабул шуд, ки дар кишвар оташи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ аланга мезад ва таъмини сулҳу субот вазифаи аввалиндараҷа ба ҳисоб мерафт.

Дар таърихи давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон қабули Конститутсияи нави ҷумҳурӣ яке аз рӯйдодҳои қобили таваҷҷуҳе ба шумор меравад, ки он дар ҳаёти кишвар дигаргуниҳои ҷиддиро ворид намуд. Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид кардаанд: «Баъд аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ давлати наву мустақили Тоҷикистон дар доираи меъёрҳои ҳуқуқии замони гузашта ба фаъолият шурӯъ кард. Ва дере нагузашта маълум гашт, ки қолаби куҳна ба ҷисми нав мувофиқ нест».

Кӯшишҳои аввалини таҳияи лоиҳаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Эъломияи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 августи соли 1990 сарчашма мегирад, ки дар эъломияи мазкур асоси таҳияи Конститутсияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шуда буд. Рӯзе пештар, яъне 23 августи соли 1990 Комиссияи тайёр намудани лоиҳаи Конститутсия (Қонуни асосӣ) ташкил карда шуд. Вале, воқеаҳои рӯйдода ин корро ба таъхир меандохтанд. Дар Иҷлосияи тақдирсози шонздаҳуми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурияти таҳияи Конститутсияи нав боз як бор таъкид гардид. Дар Иҷлосияи ҳабдаҳуми Шурои Олӣ (26 июли соли 1993) ба ҳайати Комиссияи конститутсионӣ тағйироти дахлдор ворид карда шуда, Раиси Шурои Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон раиси комиссияи мазкур интихоб гардид. Аз ҳамон лаҳза кор оид ба таҳияи лоиҳаи Конститутсия ранги дигар гирифт ва аъзои комиссия бо ғайрати том ба таҳияи Конститутсия шурӯъ намуданд.

Зимнан, бояд қайд намуд, ки дар таҳия ва қабули Конститутсияи нави Тоҷикистон раиси Комиссияи конститутсионӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ташаббусу пешниҳодҳои ҷолиби худ хизмати бузурге кардаанд, ки он таҳқиқи алоҳидаро талаб мекунад.

Дар асоси дастури роҳбарияти нави Шурои Олӣ, бо қарори Раёсати Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 1993 гурӯҳи корӣ оид ба таҳия намудани лоиҳаи Конститутсияи нави Тоҷикистон дар ҳайати 13 нафар таъсис дода шуд.

Зарурат ва аҳамияти омода ва қабули Конститутсияи нави мамлакат дар Иҷлосияи ҳаждаҳуми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (28 декабри соли 1993) дар суханронӣ ва изҳороти сиёсии Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин таъкид гардид: «Имрӯз вақти он расидааст, ки мо дар роҳи бунёди давлати ҳуқуқбунёду демократӣ аз сухан ба амал гузарем. Бинобар ин, … бояд Шурои Олӣ лоиҳаи Қонуни асосии навро баррасӣ карда, барои муҳокимаи умумихалқӣ пешниҳод намояд. Баъд аз хатми муҳокима таҳрири ниҳоии лоиҳаи Сарқонун ва гузаронидани раъйпурсии умумии он қабул шавад». Сарвари давлат дар ин изҳороти худ ҳам зарурат ва ҳам тартиби қабули Конститутсия, яъне ба тариқи раъйпурсии умумихалқӣ муҳокима ва қабул кардани онро пешниҳод намуданд, ки дар он вақт хеле муҳим ва саривақтӣ буд.

Гурӯҳи корӣ конститутсияҳои чандин давлати ҷаҳонро омӯхта, зимни таҳияи лоиҳа онҳоро ба инобат гирифт. Яке аз масъалаҳои мубрам интихоби сохти идоракунии давлат ба шумор мерафт. Интихоби сохти идоракунӣ дар гурӯҳи корӣ боиси баҳсҳои доманадор мегашт. Ахиран, моҳи апрели соли 1994 ба Комиссияи конститутсионӣ ду лоиҳа: яке лоиҳаи Конститутсия бо сохти идоракунии парламентӣ ва дигаре бо сохти идоракунии президентӣ пешниҳод гардид. Комиссияи конститутсионӣ баъди муҳокимаи лоиҳаҳо лоиҳаи Конститутсия бо сохти идоракунии президентиро ҷонибдорӣ намуда, онро барои муҳокимаи умумихалқӣ ба Раёсати Шурои Олӣ пешниҳод намуд.

Бо қарори Раёсати Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 апрели соли 1994 лоиҳа дар рӯзномаҳои ҷумҳурӣ чоп гардид.

Баъди муҳокимаҳо Комиссияи конститутсионӣ бо назардошти таклифу эродҳои мардум лоиҳаро такмил дода, онро то 1 июли соли 1994 ба Раёсати Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуд.

Бояд қайд кард, ки муҳокимаи лоиҳаи Конститутсия амалан ошкоро ва объективона гузаронида мешуд. Зиёда аз ҳашт ҳазор таклифу пешниҳодҳое, ки ба комиссия ворид гашта буданд, ақидаи миллионҳо сокини мамлакатро дар бар мегирифтанд.

Мутобиқи моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ислоҳоти конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, тартиби қабул намудан ва мавриди амал қарор додани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 20 июли соли 1994 бо пешниҳоди Сарвари давлат, Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон раъйпурсӣ барои қабул намудани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзи 25 сентябри соли 1994 таъин гардид. Баъдан, бо мақсади ҷалби бештари шаҳрвандон дар муҳокима ва қабули ин ҳуҷҷати сарнавиштсоз рӯзи раъйпурсӣ 6 ноябри соли 1994 муайян карда шуд.

6 ноябри соли 1994 халқи Тоҷикистон тариқи раъйпурсии умумихалқӣ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро қабул намуд, ки он дар рушди давлатдории тоҷикон саҳифаи навро кушод.

Ҳарчанд ин конститутсия дар шароити мушкили сиёсӣ, дар ҳоле ки дар кишвар ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ идома дошт, қабул гардида бошад ҳам, коршиносони байналмилалӣ онро дар қатори беҳтарин конститутсияҳо номбар кардаанд.

Илова бар ин, қабули Конститутсия фарҳанги баланди мардуми тамаддунсози тоҷикро таҷассум менамояд, ки дар лаҳзаҳои ҳассоси таърихӣ ягонагӣ ва муттаҳидии худро барои ҳифзи манфиатҳои миллӣ нишон доданд.

Дар «Соли маърифати ҳуқуқӣ» ба ғайр аз нуктаҳои дар боло зикргардида чаро маҳз ба омӯзиши Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд диққати аввалиндараҷа дода шавад?

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон санади ҳуқуқии дорои эътибори баланд аст, ки тавассути раъйпурсии умумихалқӣ қабул шуда, дар он асосҳои сохтори конститутсионӣ, ҳуқуқ, озодӣ, вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд, тартиби интихоб ва фаъолияти парламент - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунӣ, мақомоти судӣ ва прокуратура бо пуррагӣ муайян карда шудаанд.

Конститутсияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон аз дебоча, 10 боб, 100 модда иборат буд. Мувофиқи тағйиру иловаҳое, ки ба Конститутсия 22 июни соли 2003 ворид карда шуданд, ба Конститутсия муқаррароти интиқолӣ илова карда шуд.

Дар дебоча нишон дода шудааст, ки «Мо, халқи Тоҷикистон, қисми ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳон буда, худро дар назди наслҳои гузашта, ҳозира ва оянда масъул ва вазифадор дониста, таъмини соҳибихтиёрии давлати худ ва рушду камоли онро дарк намуда, озодӣ ва ҳуқуқи шахсро муқаддас шумурда, баробарҳуқуқӣ ва дӯстии тамоми миллату халқиятҳоро эътироф карда, бунёди ҷомеаи адолатпарварро вазифаи худ қарор дода, ҳамин Конститутсияро қабул ва эълон менамоем».

Дар ин дебоча тамоми масъалаҳое, ки моҳияти асосии Конститутсияро ташкил медиҳанд, ба таври фишурда инъикос ёфтаанд.

Дар моддаи якуми Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона эълон ва шакли идораи он президентӣ муайян карда шудааст.

Дар давлати ҳуқуқбунёд, ки Тоҷикистон дар Конститутсияи худ онро эълон кардааст, баробарии ҳама дар назди қонун ва суд, риояи қонун аз тарафи ҳама шарти асосӣ ба шумор меравад.

Дарвоқеъ, Конститутсия - қонуни асосии мамлакат ягона санадест, ки сохтори идоракунии давлатро муайян менамояд. Ин сохтор бо роҳи муайян намудани механизм ва салоҳиятҳои мақомоти ҳокимият, муносибати мақомоти идоракунии марказӣ ва маҳаллӣ, принсипҳои ҳуқуқи интихоботӣ ва системаи интихоботӣ, муносибати давлат ба шаҳрванд, вазъи ҳуқуқии шаҳрвандон – ҳуқуқу вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрвандонро муайян менамояд.

Аз рӯи муҳимият ва аҳамияти худ Конститутсия якчанд вазифаҳоро иҷро менамояд:

1. Вазифаи сиёсӣ ва таъсисӣ. Конститутсия низоми сиёсии кишвар ва сохтори ҳокимияти давлатӣ, тартиби ташкил, баргузории интихобот, раъйпурсӣ ва салоҳияти мақомоти ҳокимияти давлатиро муайян мекунад;

2. Вазифаи ҳуқуқӣ. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашмаи низоми ҳуқуқии кишвар ба шумор рафта, низоми ҳуқуқии кишварро муайян мекунад. Дар мавридҳои алоҳида, дар сурати мавҷуд набудани санади меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳо, Конститутсия бевосита ҳамчун санади меъёрии ҳуқуқӣ татбиқ карда мешавад;

3. Вазифаи инсондӯстӣ. Конститутсия моҳияти инсондӯстии давлат - давлати иҷтимоӣ будани он, вазъи ҳуқуқӣ ва ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ва шаҳрвандро муқаррар мекунад;

4. Вазифаи маърифатӣ. Вазифаи маърифатии Конститутсия аз моддаҳои 10 ва 42 Конститутсия сарчашма мегирад, ки мувофиқи онҳо давлат ва мақомоти он, шахсони мансабдор, шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо, хуллас, ҳар шахс вазифадор аст, ки Конститутсия ва қонунҳоро риоя ва иҷро кунад, ҳуқуқ, озодӣ ва шаъну шарафи дигаронро эҳтиром намояд. Махсус қайд гардидани меъёр дар хусуси он ки надонистани қонун ҷавобгариро истисно намекунад, номбурдагонро вазифадор менамояд, ки қонунҳоро донанд.

Албатта, риояи қонун, эҳтироми ҳуқуқу озодӣ ва шаъну шарафи дигарон, пеш аз ҳама, аз огоҳии шахс аз муҳтавои Конститутсия ва қонунҳо вобаста аст. Бинобар ин, Конститутсия ин уҳдадориро ба зиммаи шаҳрвандон гузошта, онҳоро вазифадор мекунад, ки Конститутсия ва қонунҳоро омӯзанд. Огоҳонидани муҳтавои Конститутсия ва қонунҳо ба мардум, дар навбати худ, мақсади ниҳоии «Соли маърифати ҳуқуқӣ» ба шумор меравад. Аз ин нигоҳ, «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардидани соли 2024 аз моҳияти худи Конститутсия бармеояд.

Дар ташаккули давлати муосир таҳия ва қабули Конститутсияи нави Тоҷикистони соҳибистиқлол аҳамияти бузурги назариявӣ ва амалию сиёсиро доро гардида, он ҳамчун шиносномаи миллат, ҳуҷҷати муҳиму сарнавиштсоз дар роҳи бунёди давлатдории муосири тоҷикон, пайвастани он бо ҷомеаи ҷаҳонӣ, ҳифзи манфиатҳои миллӣ, таъмини амнияти давлатӣ, субот, ваҳдат ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, нақши барҷастаи таърихиро гузошт.

Маҳз дар Конститутсия ниҳодҳои бунёдии давлати муосири Тоҷикистон, принсипҳои нави давлатсозӣ, институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, арзиши олӣ доштани инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ нақши меҳварӣ ва инъикоси меъёрии худро касб намудаанд. Зеро Конститутсия ҳуҷҷати барномавие мебошад, ки дурнамои пешрафти давлату ҷомеаро муайян мекунад.

Мусаллам аст, ки ҳаёти ҷамъиятии ҳар як давлат дар асоси низоми ҳуқуқӣ пеш рафта, волоияти қонун аз муҳимтарин принсипҳои давлати ҳуқуқбунёд дониста мешавад. Зеро, агар дар ҷомеа ҳуқуқ ва қонуният риоя нагардад, пас, дар чунин ҷомеа адолати иҷтимоӣ таъмин карда намешавад.

Воқеияти зиндагӣ, рушди минбаъдаи кишвар ҳамчун давлати соҳибихтиёр, демократӣ ва ҳуқуқбунёд, имконияти васеъ барои ташаккули гуногунандешӣ ва бисёрҳизбӣ, такмили салоҳияти мақомоти давлатӣ ва фаъолнокии сиёсиву ҳуқуқии шаҳрвандон фароҳам овард ва дар ин замина таъсиси мақоми қонунгузор бо фарогирии плюрализми ҳизбӣ амалӣ карда шуд.

Аз тарафи дигар, Конститутсия қонуни асосии кишвар буда, сарчашмаи қонунгузории мамлакат ба шумор меравад. Яъне, агарчӣ Конститутсия худ санади меъёрии ҳуқуқӣ бошад ҳам, тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии мамлакат аз он сарчашма мегирад.

Конститутсия ҳамчун санади меъёрии ҳуқуқӣ, дорои якчанд нишона мебошад, ки аз дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ фарқ мекунанд:

1. Волоият ва эътибори олии ҳуқуқӣ. Дар моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд гардидааст, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон эътибори олии ҳуқуқӣ дорад. Конститутсия ҳамчун санаде, ки аз тарафи халқ тавассути раъйпурсии умумихалқӣ қабул гардидааст, нисбати дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ эътибори олӣ дорад ва ягон санади мақомоти ҳокимияти давлатӣ наметавонад ба меъёрҳои он мухолифат намояд. Инчунин, эътибори олӣ доштани меъёрҳои Конститутсия аз моддаи 6 сарчашма мегирад, ки дар он халқ баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ эътироф шудааст. Ҳамзамон, ифодаи олии бевоситаи ҳокимияти халқ раъйпурсии умумихалқӣ ва интихобот дониста мешавад.

Мувофиқи талаботи моддаи 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» дар низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ Конститутсия дар сархати он ҷой гирифтааст.

Дар фаъолияти ҳаррӯзаи худ вакилони Маҷлиси намояндагон волоияти меъёрҳои Конститутсияро хуб дарк мекунанд ва истифода мебаранд, зеро яке аз талаботҳое, ки барои қабули қонуну қарорҳо пешниҳод мегардад, мувофиқати онҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

2. Амали бевосита. Дар моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд гардидааст, ки меъёрҳои Конститутсия мустақиман амал мекунанд. Ин маънои онро дорад, ки зимни баррасии масъалаҳо мақомоти ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла судҳо ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, метавонанд бевосита бо такя ба меъёрҳои Конститутсия қарор қабул намоянд. Шаҳрвандон низ метавонанд зимни муроҷиат ба мақомот аз меъёрҳои Конститутсия истифода баранд. Мехоҳам махсус қайд намоям, ки набудани меъёри тасдиқкунандаи меъёри Конститутсия барои татбиқ накардани меъёри Конститутсия асос намешавад.

3. Хусусияти таъсисӣ. Моҳияти асосии ин нишона аз он иборат аст, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон нуктаҳои асосии ташкили ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маънавии мамлакатро муайян менамояд. Аз ҷумла, сохтори ҳудудӣ, шакли идоракунӣ, низоми сиёсӣ, истиқлолият, таҷзияи ҳокимият ва ғайра дар Конститутсия муайян карда мешаванд.

4. Нишонаи устуворӣ. Моҳияти ин нишона дар тартиби махсуси қабул, ворид намудани тағйирот ва беэътибор донистани меъёрҳои Конститутсия ифода меёбад. Тавре ки дар боло қайд гардид, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шудааст. Мувофиқи талаботи моддаи 98 Конститутсия барои ворид намудани тағйирот ба Конститутсия риояи расмиёте, ки ҷиҳати қабули он истифода гардидааст, ҳатмӣ мебошад. Яъне, тағйиру иловаҳо ба Конститутсия фақат бо роҳи гузаронидани раъйпурсии умумихалқӣ дохил намудан мумкин аст. Бо дигар роҳ тағйир додани меъёрҳои Конститутсия манъ аст ва чунин амалҳо эътибор надоранд.

Ба ғайр аз ин, мутобиқи талаботи моддаи 99 Конститутсия доираи маҳдуди шахсоне муайян карда шудааст, ки метавонанд тағйиру иловаҳоро ба Конститутсия пешниҳод намоянд. Инҳо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ё ҳадди ақал аз се як ҳиссаи умумии аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон мебошанд. Дигар шахсон ё мақомот наметавонанд оид ба ворид намудани тағйирот ба Конститутсия масъалагузорӣ кунанд.

Раъйпурсиро оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсия Президент ё Маҷлиси намояндагон бо тарафдории на камтар аз се ду ҳиссаи шумораи умумии вакилон таъин мекунанд.

Дар тӯли таърихи начандон дури Тоҷикистон мо шоҳиди он будем, ки Конститутсияи қаблии кишвар ва тағйиру иловаҳо ба он аз тарафи мардум не, балки дар мақоми қонунгузор - Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул мегардид ва дар шароити буҳронии сиёсӣ дар як рӯз ба Конститутсия якчанд маротиба тағйирот ворид карда мешуд. Қариб дар бештари иҷлосияҳои Шурои Олӣ яке аз масъалаҳо ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсия буд. Ин ҳолат аз ноустувории Конститутсия шаҳодат медод ва қувваҳои сиёсӣ аз ин бо мақсадҳои худ истифода бурда, оқибати фоҷиабори он давраро ба миён оварданд.

5. Тарзи махсуси муҳофизат. Мувофиқи талаботи моддаи 64 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳомӣ (кафил)-и Конститутсия мебошад. Инчунин, бо мақсади таъмини волоият ва амали бевоситаи меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мамлакат Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудааст.

Новобаста ба он ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони қабули худ ба тамоми меъёру талаботи вақт ҷавобгӯ буд, бо гузашти вақт ва рушди устувору босуботи ҷомеа зарурияти ба он ворид намудани тағйиру иловаҳо ба миён омаданд. Баъди ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон зарурияти ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён омад. Бо назардошти ин ҳолат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи тағйиру иловаҳоро ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуданд, ки он 26 сентябри соли 1999 дар раъйпурсии умумихалқӣ ҷонибдории пурраи мардуми Тоҷикистонро соҳиб гардид.

Мувофиқи ин тағйиру иловаҳо ғасби ҳокимият вазнинтарин ҷиноят эътироф гардида, бори нахуст дар мамлакат парламенти дупалатагӣ таъсис дода шуд. Яъне, таъсиси Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳз аз ҳамин тағйиру иловаҳо ба Конститутсия сарчашма мегиранд. Ҳамзамон, масъалаҳои ташкилии Маҷлиси Олӣ, салоҳияти Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон зимни гузаронидани ҷаласаҳои якҷоя, салоҳияти Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон дар алоҳидагӣ муайян карда шуданд.

Таъсиси Шурои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади тақвияти кори мақомоти судӣ дар кишвар низ бо ҳамин тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардид.

22 июни соли 2003 бо пешниҳоди аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон тариқи раъйпурсии умумихалқӣ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бори дуюм тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд.

Бо ин тағйиру иловаҳо ба Конститутсия муқаррарот оид ба арзиши олӣ доштани инсон ва ҳуқуқу озодиҳои он, ба ҳайси мафкураи давлатӣ эътироф нагардидани мафкураи ягон ҳизб, иттиҳодияи ҷамъиятӣ, динӣ, ҳаракат ё гурӯҳе, бевосита амалӣ гардидани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд пешбинӣ гардида, салоҳиятҳои Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон, Президент ва судҳо мушаххас карда шуданд. Илова бар ин, ба Конститутсия муқаррароти интиқолӣ илова карда шуд, ки дар он тартиби амалӣ намудани тағйиру иловаҳои ба Конститутсия воридшударо пешбинӣ менамуд.

Бори сеюм бо пешниҳоди аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 22 майи соли 2016 тағйиру иловаҳо ворид карда шуд. Бо ин тағйиру иловаҳо аз номи Конститутсия калимаи (Сарқонун) хориҷ карда шуда, шакли идоракунии президентӣ мушаххас гардид, фаъолияти ҳизбҳои сиёсии давлатҳои дигар, инчунин ҳизбҳои хусусияти миллӣ ва динидошта ва маблағгузории ҳизбҳои сиёсӣ аз ҷониби давлату созмон ва шахсони хориҷӣ расман манъ карда шуданд. Ҳамзамон, ҷиҳати танзими масъалаҳои шаҳрвандӣ ба моддаи 15 Конститутсия тағйироти дахлдор ворид карда шуд.

Тағйиру иловаҳое, ки ба моддаи 34 Конститутсия ворид гардиданд, масъулияти падару модарро дар таълиму тарбияи фарзанд ва масъулияти фарзандонро барои нигоҳубин ва таъминоти иҷтимоии падару модар муқаррар намуданд.

Маҳз бо ҳамин тағйиру иловаҳо мӯҳлати ваколати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 7 сол муқаррар карда шуда, дар Конститутсия мавқеи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муайян карда шуд.

Инчунин, ба моддаҳои дахлдори Конститутсия тағйирот ворид карда шуд, ки мувофиқи онҳо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, узви Маҷлиси миллӣ, вакили Маҷлиси намояндагон, аъзои Ҳукумат ва судя шахсе интихоб шуда метавонад, ки танҳо шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дошта бошад.

Дар ин маврид талаботи синнусолӣ низ нисбат ба Президент, аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон тағйир дода шуда, ба ин мансаб шахсоне, ки синнашон ба 30 расидааст, интихоб шуда метавонанд.

Дар маҷмӯъ, тағйиру иловаҳои қабулгардида Конститутсияи амалкунандаро мукаммал гардонида, онро бо рушди ҷомеа мувофиқ намуда, барои пешравии давлат шароити мусоид фароҳам оварданд.

30 соли амали Конститутсия нишон дод, ки ин ҳуҷҷати муҳими сиёсию ҳуқуқӣ дар худ фарҳанги миллати қадимаю тамаддунсози тоҷикро таҷассум намуда, имрӯз ва оянда барои мардуми шарифи кишвар хизмати сазовор карда метавонад.

ОБУНА - 2025
ОБУНА БА РӮЗНОМАИ «САДОИ МАРДУМ» - НАШРИЯИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2025 ДАВОМ ДОРАД.
ТАВАССУТИ ОН «САДОИ МАРДУМ» БА ҲАР ХОНАДОНУ КОРГОҲИ КИШВАР РОҲ ЁФТА, ШУМОРО АЗ ТОЗАТАРИН ВА МУҲИМТАРИН НАВИДҲОИ ВАТАНИ АЗИЗ ВА ХОРИҶИ МАМЛАКАТ ХАБАРДОР МЕКУНАД.
НАРХИ СОЛОНАИ ОБУНА, БО ДАРНАЗАРДОШТИ АНДОЗ АЗ АРЗИШИ ИЛОВАШУДА ВА ХИЗМАТРАСОНИИ ПОЧТА, БАРОИ ЯК НУСХА 210 СОМОНӢ МУҚАРРАР ШУДААСТ.
*Суроға: 734018, шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ - 16 (ошёнаи 6). Нишонӣ ва ҳисоби бонкии рӯзномаи «Садои мардум»: с/ҳ 20202972701904102000; ҳ/м 20402972316264; БИК 350101626; РМА 030004877;*
**Шуъбаи №2 КВД БА Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» дар шаҳри Душанбе. Индекси обуна: 68852. Телефонҳо барои маълумот: 238-53-71, 238-53-49, 238-54-57.**

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзуи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 425121 | Раёсати маорифи вилояти Хатлон | Лавозимоти мактабӣ, китоб, барномаҳои мактабӣ, лавозимоти лабораторӣ, плакат, расм ва таҷҳизоти мактабӣ | Озмуни кушод | Мол | 371 | 17.10.2024 15:50:10 |
| 2 | 425122 | Муассисаи давлатии коммуналӣ ва чароғонкунию ороишии шаҳри Бохтар | Баннери ранга | Озмуни кушод | Мол | 1 | 17.10.2024 16:05:05 |
| 3 | 425123 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 12 ба номи Мурод Ҷураеви деҳаи Ругунди шаҳри Истаравшан | Сохтмони бинои таълимӣ барои эҳтиёҷоти муассиса | Озмуни кушод | Кор | 1 | 17.10.2024 16:10:35 |
| 4 | 425127 | Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон | Молҳои маишӣ, гармкунаки равғанӣ ва молҳои канселярӣ | Озмуни кушод | Мол | 11 | 17.10.2024 16:50:03 |
| 5 | 425128 | Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи президентӣ барои хонандагонии лаёқатманд ба номи А. Рӯдакӣ» дар шаҳри Турсунзода | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 27 | 17.10.2024 16:50:41 |
| 6 | 425129 | Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино | Кабели нахи оптикӣ ва салиби оптикии 24 U | Озмуни кушод | Мол | 2 | 17.10.2024 17:05:33 |
| 7 | 425131 | Маҷмааи давлатиии «Қасри миллат»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таҷҳизот, қолин, молҳои хоҷагидорӣ, либос ва пойафзоли махсуси корӣ | Озмуни кушод | Мол | 21 | 17.10.2024 17:20:30 |
| 8 | 425132 | Шуъбаи маорифи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ | Таъмири ҷорӣ ва таҷҳизонидани толори маҷлисгоҳи шуъбаи маорифи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ | Озмуни кушод | Кор | 1 | 17.10.2024 17:20:40 |
| 9 | 425133 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ-кӯдакистони №112» | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 36 | 18.10.2024 13:20:41 |
| 10 | 425136 | Маркази клиникавӣ - эндокринологии вилояти Суғд дар шаҳри Хуҷанд | Ангишт барои эҳтиёҷоти Маркази клиникавӣ - эндокринологии вилояти Суғд дар шаҳри Хуҷанд | Озмуни кушод | Мол | 1 | 18.10.2024 16:35:00 |
| 11 | 425137 | Муассисаи давлатии «Маркази вилоятии барқарорсозӣ ва солимгардонии кӯдакон» дар вилояти Суғд | Ангишт барои эҳтиёҷоти Муассисаи давлатии «Маркази вилоятии барқарорсозӣ ва солимгардонии кӯдакон» дар вилояти Суғд | Озмуни кушод | Мол | 1 | 18.10.2024 16:44:00 |
| 12 | 425134 | Донишгоҳи миллии Тоҷикистон | Сӯзишвории дизелӣ ва ангишт | Озмуни кушод | Мол | 2 | 18.10.2024 17:00:00 |
| 13 | 425138 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Маводи мулоим | Озмуни кушод | Мол | 7 | 18.10.2024 17:15:16 |
| 14 | 425135 | Муассисаи давлатии дастаи футболи «Клуби маркази варзишии артиш» | Таъмир ва азнавсозии варзишгоҳи Муассисаи давлатии дастаи футболи «Клуби маркази варзишии артиш»-и назди Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Озмуни кушод | Кор | 1 | 21.10.2024 10:00:00 |
| 15 | 425141 | Маркази саломатии ноҳияи Панҷ | Маҳлули тиббӣ | Озмуни кушод | Мол | 17 | 21.10.2024 11:10:35 |
| 16 | 425140 | Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Қисмҳои эҳтиётии воситаҳои нақлиёт | Озмуни кушод | Мол | 18 | 21.10.2024 11:50:00 |
| 17 | 425144 | Муассисаи давлатии «Маркази вилоятии ҷарроҳӣ»-и Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон | Дастгоҳи эндовидеоҷарроҳӣ бо асбобҳо барои лапароскопия | Озмуни кушод | Мол | 1 | 21.10.2024 14:15:15 |
| 18 | 425145 | Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таҷҳизоти техникии идоравӣ ва маишӣ | Озмуни кушод | Мол | 13 | 21.10.2024 14:30:00 |
| 19 | 425146 | Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи гастроэнтерологияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» | Доруворӣ ва масрафшавандаи тиббӣ | Озмуни кушод | Мол | 45 | 21.10.2024 14:30:00 |
| 20 | 425139 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №8-и шаҳри Хоруғ | Ангишт | Озмуни кушод | Мол | 1 | 22.10.2024 09:00:00 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак барои бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои КВД БА ЧТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ - 22.**

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.

# ПРИГЛАШЕНИЕ К УЧАСТИЮ В ТОРГАХ (ПУТ)

**Проект раннего развития детей с целью наращивания человеческого потенциала в Таджикистане (ПРРД)**
**РЕСПУБЛИКА ТАДЖИКИСТАН**
**Закупка и распределение оборудования для новых ПМСП (Лот 1);**
**Закупка и распределение мебели для новых ПМСП (Лот 2)**
**Номер НКТ: MOF/ECDP/RFB/024/004**

1. Республика Таджикистан получила финансирование от Всемирного банка для реализации Проекта раннего развития детей с целью наращивания человеческого капитала в Таджикистане (ПРРД) и намерена использовать часть средств этого Гранта для осуществления платежей по Закупку и распределении оборудования для новых ПМСП (Лот 1); Закупку и распределении мебели для новых ПМСП (Лот 2), номер пакета НКТ: MOF/ECDP/RFB/024/004.

2. Проект раннего развития детей с целью наращивания человеческого капитала в Таджикистане настоящим приглашает правомочных и квалифицированных участников торгов представить свои запечатанные конкурсные предложения относительно Закупки и распределение оборудования для новых ПМСП (Лот 1); Закупки и распределение мебели для новых ПМСП (Лот 2).

3. Конкурсные торги будут проводиться по процедурам национальных конкурсных торгов в соответствии с Руководством Всемирного банка: Руководство по закупкам товаров, работ и не консультационных услуг заемщиками Всемирного банка по займам МБРР и кредитам и грантам МАР опубликованный «Правила закупок для заемщиков ФИП» Всемирного банка (июль 2016 года, пересмотренные в сентября 2023) - Закупки в рамках финансирования инвестиционных проектов товары, работы, не-консультационные и консультационные услуги)», и открыты для всех правомочных участников торгов в соответствии с тем, что определено в «Руководстве по закупкам». Кроме того, просьба обращаться к параграфам 3.14, 3.15 и 3.16 где изложена политика Всемирного банка в отношении конфликта интересов.

4. Заинтересованные правомочные участники торгов могут получить более подробную информацию в ГРП, E-mail: jobs.info@ecdp.tj и ознакомится с документацией для торгов по указанному ниже адресу: **г. Душанбе, Таджикистан, ул. Шероз - 35, почтовый индекс: 734025, тел: (+992 37) 2210691 с 8.00 до 17.00 часов.**

5. Заинтересованные Участники торгов могут получить полный комплект документации для торгов на русском языке после направления письменной заявки по указанному ниже адресу:

**Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Шероз-35, 7 этаж, здание Министерство финансов Республики Таджикистан, почтовый индекс: 734025, E-mail: jobs.info@ecdp.tj, тел: (+992 37) 2210691.**

Документация для торгов будет направлена по электронной почте в формате PDF.

6. Конкурсные предложения должны быть доставлены по указанному ниже адресу: **Государственный комитет по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан, ул. Шотемура-27, каб. №10 до 29 октября 2024 г., 15:30 по местному времени.**

Подача конкурсных предложений в электронном виде не допускается. Опоздавшие конкурсные предложения отклоняются. Вскрытие конвертов с конкурсными предложениями состоится в присутствии представителей Участников торгов, которые пожелают присутствовать при вскрытии лично по адресу: **Государственный комитет по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан, ул. Шотемура-27, кабинет № 10, 29 октября 2024г. в 15:30 по местному времени.**

**Все конкурсные предложения должны сопровождаться залоговым обеспечением на сумму:**

**Лот 1 – 26 000 сомони;**

**Лот 2 - 28 000 сомони.**

# ПРИГЛАШЕНИЕ К УЧАСТИЮ В ТОРГАХ (ПУТ)

**Проект раннего развития детей с целью наращивания человеческого потенциала в Таджикистане (ПРРД)**
**РЕСПУБЛИКА ТАДЖИКИСТАН**
**Закупка сервера, 220 компьютеров, 220 источников бесперебойного питания (ИБП) и 220 многофункциональных принтеров (МФУ) для Республиканского центра статистики и региональных филиалов Министерства здравоохранения и социальной защиты населения Республики Таджикистан.**
**Номер НКТ: MOF/ECDP/RFB/024/005**

1. Республика Таджикистан получила финансирование от Всемирного банка для реализации Проекта раннего развития детей с целью наращивания человеческого капитала в Таджикистане (ПРРД) и намерена использовать часть средств этого Гранта для осуществления платежей по Контракту Закупка сервера, 220 компьютеров, 220 источников бесперебойного питания (ИБП) и 220 многофункциональных принтеров (МФУ) для республиканского центра статистики и региональных филиалов Министерства здравоохранения и социальной защиты населения Республики Таджикистан., номер пакета НКТ: MOF/ECDP/RFB/024/005

2. Проект раннего развития детей с целью наращивания человеческого капитала в Таджикистане настоящим приглашает правомочных и квалифицированных участников торгов представить свои запечатанные конкурсные предложения относительно закупки сервера, 220 компьютеров, 220 источников бесперебойного питания (ИБП) и 220 многофункциональных принтеров (МФУ) для республиканского центра статистики и региональных филиалов Министерства здравоохранения и социальной защиты населения Республики Таджикистан.

3. Конкурсные торги будут проводиться по процедурам национальных конкурсных торгов в соответствии с руководством Всемирного банка: Руководство по закупкам товаров, работ и не консультационных услуг заемщиками Всемирного банка по займам МБРР и кредитам и грантам МАР опубликованный «Правила закупок для заемщиков ФИП» Всемирного банка (июль 2016 года, пересмотренные в сентября 2023) - Закупки в рамках финансирования инвестиционных проектов товары, работы, неконсультационные и консультационные услуги)», и открыты для всех правомочных участников торгов в соответствии с тем, что определено в «Руководстве по закупкам». Кроме того, просьба обращаться к параграфам 3.14, 3.15 и 3.16 где изложена политика Всемирного банка в отношении конфликта интересов.

4. Заинтересованные правомочные участники торгов могут получить более подробную информацию в ГРП, E-mail: jobs.info@ecdp.tj и ознакомится с документацией для торгов по указанному ниже адресу: **г. Душанбе, Таджикистан, ул. Шероз-35, почтовый индекс: 734025, тел: (+992 37) 2210691 с 8.00 до 17.00 часов.**

5. Заинтересованные Участники торгов могут получить полный комплект документации для торгов на русском языке после направления письменной заявки по указанному ниже адресу: **Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Шероз -35, 7 этаж, здание Министерства финансов Республики Таджикистан, почтовый индекс: 734025, E-mail: jobs.info@ecdp.tj, тел: (+992 37) 2210691.**

Документация для торгов будет направлена по электронной почте в формате PDF.

6. Конкурсные предложения должны быть доставлены по указанному ниже адресу: **Государственный комитет по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан, ул. Шотемура - 27 каб. №10 до 29 октября 2024 г., 15:00 по местному времени.**

Подача конкурсных предложений в электронном виде не допускается. Опоздавшие конкурсные предложения отклоняются. Вскрытие конвертов с конкурсными предложениями состоится в присутствии представителей участников торгов, которые пожелают присутствовать при вскрытии лично по адресу: **Государственный комитет по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан, ул. Шотемура-27, кабинет № 10, 29 октября 2024г. в 15:00 по местному времени.**

**Все конкурсные предложения должны сопровождаться Залоговым обеспечением на сумму 99 000 сомони.**




Истеҳсолкунанда НПВ «Вулкан», ФР.

# «ДОКТОР - ДЖОН»

## ШУМОРО ГОҲ СУЛФАВУ ГОҲ ХОРИШ ВА ГОҲ ДАРДИ ГУЛӮ АЗИЯТ МЕДИҲАД? ИЛОҶИ ТАБОБАТАШ ҲАСТ!

Ҳатман қандакҳои **«Доктор Джон»**- ро аз дорухонаҳо харидорӣ намуда, онро истифода баред. Дар лаҳзаҳои лозимӣ барои истеъмоли он ба шумо об, пиёла ё сачоқчае лозим намешавад. Ҳатто ба коргарону шиносонатон дар ҳолати сулфа, хориш ё дарди гулӯ ё атса задан метавонед бо **«Доктор Джон»** ёрирасон бошед.

Таркиб: решаи хаконии «солодки» бо равғани филтршудаи эвкалипт.

**Таваҷҷуҳ: «Доктор Джон»**- и рангаш сурх бо қаланфур омехта шудааст. Он ба шахсоне тавсия дода мешавад, ки дӯстдори тамъи тез ҳастанд.


# ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Ордери даромади хазинавӣ, ки онро ҶСП «Муқим-1» 25-уми декабри соли 2017 ба маблағи 219335 (дусаду нуздаҳ ҳазору сесаду сию панҷ) сомонӣ ба Пирназаров Фаррух тибқи шартнома оиди сохтани манзили истиқоматӣ дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Авесто, бинои 27, хонаи 240 додааст, эътибор надорад.

✓ Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро Донишгоҳи технологии Тоҷикистон соли 2023 ба Зубайдуллоев Зиёдулло Муродҷонович додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти гумшуда оид ба ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсӣ ба Зокиров Мизробиддин Мирзоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати гумшудаи ҳуқуқи истифодаи замини дараҷаи А№0196649, ки онро КДФ «БММҒ» дар ноҳияи Қубодиён таҳти қайди 4043 ба Турсунов Шокирҷон Зокирҷонович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи силсилаи А№291996, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №1-и ноҳияи Қубодиён соли 1973 ба Насимов Фозил додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи силсилаи ШТС № 0064947, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №3-и шаҳри Норак соли 2003 ба Гуломкодирова Назархотун Мавлододовна додааст, эътибор надорад.

✓ Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро факултети тиббии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо ихтисоси «Кори табобатӣ» соли 2023 ба Яъқубов Муҳаммадӣ Маҳмадшарипович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшудаи №165-и устоди варзиши Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки онро Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 19-уми декабри соли 2013 ба Назаров Беҳрӯз додааст, эътибор надорад.

✓ Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон соли 2023 ба Эшназаров Зулқарнай додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти гумшуда, ки онро Нозироти андоз дар шаҳри Панҷакент 28-уми феврали соли 2010 ба Қурбонов Шуҳратҷон Абдуразоқович (РМА 605314968, РЯМ 6030015879) додааст, эътибор надорад.

✓ Билети донишҷӯи гумшуда, ки онро Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов соли 2021 ба Ҳайитов Қурбоналӣ Азизуллоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи гумшудаи силсилаи ДМБ №0081133, ки онро Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ бо дараҷаи бакалаври техника ва технология 26-уми апрели соли 2022 таҳти қайди 1731 ба Оҷимамадов Мунаввар Оҷимамадович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Нисор Муҳаммад, бинои 9, хонаи 31, ба Худоева Шарифмо Ҳақназаровна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе 17-уми сентябри соли 1992 таҳти қайди 25132 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Б. Ғафуров, бинои 33/1, хонаи 32, ба Муминова Давлатбӣ Намозовна додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши квартира, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 15-уми июни соли 2012 таҳти феҳрасти 8Ш-2807 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Б. Ғафуров, бинои 33/1, хонаи 32, ба Муминова Давлятбӣ Намазовна додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари гумшудаи хонадорӣ, ки онро ШВКД -2 дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Б. Ғафуров, хонаи 33/1, хонаи 32, ба Муминова Давлатбӣ Намозовна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи гумшудаи А 03097596, ки онро ШВКД-2 дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 22-юми январи соли 2020 ба Муминова Дилафруз Абдуҷалиловна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи нуқтаи таъминоти сӯзишворӣ ва гази моеъ, ки онро КДФ «БММҒ» дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров бо суроғаи ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, деҳоти Унҷӣ, роҳи Ғафуров - Унҷӣ соли 2019 ба ҶДММ «РОҲИ СОМОН» додааст, эътибор надорад.


Конститутсия - кафолати рушди устувори давлатдорӣ ва волоияти қонун

Садои мардум

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
Бахтовар КАРИМЗОДА

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Абдухолиқ Мирзоев,*
*Далер Абдулло,*
*Ориф Ёдгоров,*
*Сайфиддин Суннатов,*
*Шариф Атобуллоев,*
*Фарзона Файзалиева,*
*Фархунда Абдулҳакимова*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ-16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238-53-71; Сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238-53-56; муовин 238-54-52; котибот 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238-58-91; муҳаррири шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238-58-93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238-52-97; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238-54-57; хабарнигорон дар ВМКБ 93-355-51-03; вилояти Хатлон 919-67-88-78, 985-82-81-97; вилояти Суғд 92-773-28-76; ШНТҶ 000-03-03-80, 918-68-40-17.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз чор саҳифа, бо шрифти 14, Times New Roman Tj, интервали 1,5 зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 1 октябри соли 2024, соати 13:30 иҷозат дода шуд. Адади нашр 33070 нусха*

Навбатдори шумора Ф. Файзалиева

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97